# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Унвонҷӯй Палавонов Амоншо Муминович мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро шароити муосир, алахусус рушди босуръати илму технология зарурати соҳиби салоҳиятҳои асосии ҳаётиро ба миён гузоштааст ва дар ин ҷода дорои тафаккури мантиқиву таҳлилӣ, салоҳияти дарки тағйироти ҳамарӯза баамалоянда ва малакаҳои кор бо технологияҳои муосири инноватсионӣ иттилоот аз салоҳиятҳои асосии насли нав дониста мешавад.

Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки насли наврас дорои маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта инчунин қобилияти истифодаи технологияҳои мухталифи муосири инноватсиониро дошта бошанд.

Дарси ҳозиразамонро бе истифодаи технологияҳои навини педагогӣ гузаронидан номумкин аст, чунки онҳо муҳтавои дарсро баланд мебаранд ва шавқу рағбати хонандагонро ба дарс зиёд мекунанд. Омӯзгор бояд доимо дар ҷустуҷӯйи усулу методҳои нави таълимӣ бошад ва дарси худро вобаста бо пешравиҳои илми педагогика, психология ва методикаи таълим ташкил намояд. Ташаккули ин гуна салоҳиятҳои асосиву инноватсиониро, қабл аз ҳама, дар ҷараёни дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон амалӣ кард, ки мубрамӣ ва аҳамияти бағоят муҳим бархурдор будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминовичро нишон медиҳад.

Дар воқеъ, масъалаи баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар системаи таҳсилот ҷанбаи муҳим ва асосӣ буда, раванди таълимро бидуни он тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро усул ва шаклҳои мухталифи инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгор касбияти худро баланд бардорад ва аз дастовардҳои навини илм бархӯрдор гардад.

Дар ин росто муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи боло бурдани самараи таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, ки барои инкишофи фаҳмиши инноватсия, ҷаҳонбинӣ, дониш ва малакаву маҳорати хонандагон нақши созгор дорад, ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва иҷрои корро ба таври густурда мавриди истифода қарор дода, андешаю мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи шароити педагогии пешниҳоднамудаи муаллифи рисоларо дар мисоли истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ва роҳҳу усулҳои пурмаҳсул намудани ин дарс дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ мекунанд.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Палавонов Амоншо Муминович арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба масъалаи боло бурдани самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ”- ро муайян ва коркард кардааст.

Тавсияҳои методии таҳиякардаи довталаб такмили раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули маҳорат ва малакаҳои кор аз ҷониби ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон бо технологияҳои муосири инноватсионӣ таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминовичро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури

илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар умум, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чоп намудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгории кафедраи педагогика ва мероси ниёгони ДИТ ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит — Ҳоҷиева Фируза Абдуқодировна

«25» октябри 2024

Имзои Ф. А. Ҳоҷиева - ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ
ва коргузории ДИТ — Ҷомадов Х

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Шодмонӣ, 58/1, Тел.: моб: 888 330 777
E-mail: islamtaj@mail.ru